# ТАҚРИЗИ

## роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Боев Муродбек Бекмаҳмадович дар мавзӯи «Асосҳои илмӣ – педагогии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро-графикӣ» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ)

Боев Муродбек Бекмаҳмадович соли 2011 факултети корҳои кӯҳии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси корҳои зеризаминии кӯҳӣ (рӯзона) хатм намудааст. Фаъолияти педагогии хешро ба ҳайси ассистенти кафедраи сохтмон ва графикаи муҳандисӣ дар донишкадаи мазкур аз 1 сентябри соли 2011 оғоз кардааст. Айни ҳол, муаллими калони кафедраи сохтмон ва корҳои маркшейдерии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон мебошад. Аз солҳои аввали фаъолияти меҳнатӣ Боев Муродбек Бекмаҳмадович майлу рағбати зиёд ба корҳои илмӣ дошт.

Мавсуф, аз санаи 03.12.2013с. дар Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба сифати унвонҷӯ фаъолияти илмӣ – тадқиқотии хешро шуруъ намуд. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиётҳои илмӣ - педагогию психологӣ ва рисолаҳои илмие, ки дар самти таҳсили фанҳои графикаи муҳандисӣ ҳимоя шудаанд мавзӯи тадқиқотии хешро интихоб ва мубрамии мавзӯъро асоснок намуд.

Дар диссертатсия барои анҷом додани пажуҳиши илмӣ вазифаҳои муҳим, ба монанди муайян намудани самтҳои рушди таҳсилоти муҳандисӣ-графикӣ; асоснок кардани мазмуни мантиқӣ ва моҳияти дидгоҳи байнифаннӣ дар муассисаи таҳсилоти олии техникӣ; таҳлил ва ташхиси сабабҳои асосии сифати пасти омодагии анъанавии графикии донишҷӯён; муайян ва пешниҳод кардани воситаву методҳои бартараф намудани онҳо тариқи гузариш ба методҳои муосири инноватсионии таҳсилоти графикӣ; коркард ва тариқи озмоиш санҷидани амсилаи мундариҷавию протсессуалии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти геометро - графикӣ тавассути ҳамгироии фанҳои геометро-графикӣ ироа гардидааст.

Аҳамияти назриявӣ ва амалии тадқиқоти Боев Муродбек Бекмаҳмадович аз он иборат аст, ки дар диссертатсия мундариҷаи тамоюлаш консептуалии таҳсилоти графикии хусусияташ системавӣ ба сифати таҳкурсии омодагии муҳандиси оянда кушода дода шудааст. Ғояҳои асосии диссертатсия низ идомапазирии раванди омодагии геометро – графикӣ, ба назар гирифтани махсусияти фанҳои графикӣ дар сохтору мундариҷаи маводи таълим, истифодаи шаклҳои фаъоли таълим, ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои фардии донишҷӯй, дар ҷарайёни

таҳсили фанҳои графикӣ, таъмини муҷаҳҳазии муосири моддӣ – техникии раванди таълим, яъне гузариш ба графикаи компютерӣ давра ба давра дар рафти корҳои таҷрибавӣ – озмоишӣ амалӣ шудааст.

Бояд зикр намуд, ки унвонҷӯ дар давраи таълифи диссертатсия теъдоди зиёди адабиётҳои илмӣ-педагогӣ ва рисолаҳои илмие, ки вобаста ба масъалаҳои таҳсилоти графикии донишҷӯёни муассисаҳои олии техникӣ алоқаманд мебошад, ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор дода, таҳлилу натиҷагирӣ намуда, аз худ фаъолнокӣ, матинииродагӣ, қобилияти баланди корӣ мустақилиятнокиро нишон дод.

Натиҷаи тадқиқоти илмии Боев Муродбек Бекмаҳмадович дар 35 интишороти ӯ инъикос ёфтаанд, ки 4 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсинии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расиданд.

Боев Муродбек Бекмаҳмадович дар конференсияҳои илмӣ – амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ фаъолона ширкат варзида бо маърӯзаҳо баромад намудааст. Ӯ ҳаммуаллифи 1 китоби дарсӣ ва муаллифи якчанд дастурҳои таълимию методӣ буда, собиқаи кории 12 солаи педагогӣ дошта, худро ҳамчун омӯзгори соҳибтаҷриба ва таҳқиқгари фаъол нишон дода, байни ҷомеаи ҳамкорон ва донишҷӯён сазовори обрӯю эътибор мебошад.

Натиҷаҳои бадастовардаи Боев Муродбек Бекмаҳмадович бо яклухтии сохтории диссертатсия омода гашта, дар шакли алоқаҳои байниҳамдигарӣ сурат гирифта, дар доираи тадқиқоти назариявӣ ва амсиласозиҳо, коркарди технологияи инноватсионии таълими графикаи компютерӣ саҳми босазо барои инкишофи илми педагогика метавонанд гузоранд. Нуқтаҳои асосии илмӣ ва хулосаҳои диссертатсионӣ дар асоси ташаккулдиҳии сатҳи бунёдии таҳсилоти графикӣ донишҷӯён тавассути ҳамгироии фанҳои геометро-графикӣ илман асоснок ва дар амал тасдиқ гардидааст.

Тадқиқоти анҷомдодаи Боев Муродбек Бекмаҳмадович ба ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба мувофиқ гардонидани натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, дақиқ, техникӣ ва озмоишие, ки дар Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат мавриди таваҷҷӯҳи махсус қарор гирифтаанд, хеле созгор мебошанд. Зеро диссертатсия дар партави «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» тарҳрезӣ гардидааст.

Итминони комил дорам, ки тадқиқоти диссертатсионии Боев Муродбек Бекмаҳмадович кори баитмомрасидаи мукаммали илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи муносиби илмӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф дорои сифатҳои баланди касбӣ буда, метавонад аз руйи соҳаи тадқиқоти илмии худ масъалаҳои илмӣ-педагогӣ гузаронида, онҳоро ҳал намояд.

Унвонҷӯ Боев Муродбек Бекмаҳмадович оиладор, соҳиби се фарзанд. Ҳамчун инсон шахси ботаҳаммул, ҷиддӣ ва дар иҷрои рисолати хеш қавӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Боев Муродбек Бекмаҳмадович дар мавзӯи «Асосҳои илмӣ – педагогии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро-графикӣ» ба талаботи Қарори Ҳукумати ҶТ, №267 аз 30.06.2021 оид ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» ҷавобгӯ буда, ба пуррагӣ аз рӯйи шиносномаи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) омода гардидааст.

Хулоса бояд кард, ки Боев Муродбек Бекмаҳмадович ҳамчун корманди илмӣ - педагогӣ ташаккул ёфтааст, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ сазовор мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи сохтмон ва корҳои маркшейдерии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон Ёқубов Соҳибҷон

26.05.2023 с.

Имзои С.Ёқубовро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон н.и.т. Сулейманова Н.А.

Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Управление кадров и спецчасти дел

Маълумот барои тамос: 735730, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бӯстон, кӯч. А.Баротов 6. Тел: (+992) 92 - 736 - 11 - 96, E-mail: sohib 56 @mail.ru